# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
# ҚАРОР
# Правительство Республики Таджикистан
# ПОСТАНОВЛЕНИЕ

аз 29 ноябри соли 2023 № 546

ш. Душанбе

## Дар бораи тарифҳои неруи барқ ва гармӣ

Мутобиқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи инҳисороти табиӣ» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тарифҳои неруи барқ, ки аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» ба истифодабарандагон тақсим мешаванд, тасдиқ карда шавад (замимаи 1).

2. Тарифҳои неруи барқ барои истеҳсол ва интиқол, ки аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои интиқоли барқ» ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» интиқол дода мешавад, тасдиқ карда шавад (замимаи 2).

3. Тарифҳои неруи гармӣ, ки аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» ба истифодабарандагон интиқол дода мешавад, тасдиқ карда шавад (замимаи 3).

4. Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати тағйир ёфтани тарифи миёнаи неруи барқ бо роҳи қабули фармоиши дахлдор ба тарифҳои неруи барқ, ки аз рӯйи онҳо Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои интиқоли барқ» ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» хизматрасониро анҷом медиҳад, коэффитсиенти тасҳеҳ (корректировка)-ро муайян намояд.

5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2022, №449 «Дар бораи тарифҳои неруи барқ ва гармӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

6. Қарори мазкур аз 1 январи соли 2024 мавриди амал қарор дода шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Эмомалӣ Раҳмон

Замимаи 1

ба қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» ноябри соли 2023, №546

## Тарифҳои нерӯи барқ барои истифодабарандагон

| № | Гурӯҳҳои истифодабарандагон | Тариф ба 1 кВт. соат бо дирам |
|---|---|---|
| 1. | Барои истифодабарандагони саноатӣ ва ғайрисаноатӣ | 70,35 |
| 2. | Барои истифодабарандагони соҳаи буҷетӣ, соҳаҳои коммуналӣ, иншооти варзишӣ, нақбҳои хизматрасонии нақлиётӣ ва нақлиёти барқӣ | 30,75 |
| 3. | Барои насосҳои қубурҳои об ва истгоҳҳои насосҳои обёрии мошинӣ, пойгоҳҳои таъмирию истеҳсолии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:<br>- аз 1 апрел то 30 сентябр<br>- аз 1 октябр то 31 март | <br>10,67<br>30,75 |
| 4. | Барои чоҳҳои амудии мелиоративӣ ва пойгоҳҳои обкашии мелиоративӣ | 10,67 |
| 5. | Барои насосҳои интиқоли оби нӯшокӣ (ба истиснои насосҳои инфиродӣ) ва канализатсия | 14,62 |
| 6. | Барои Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Комбинати металлургии Тоҷикистон»:<br>- аз 1 май то 30 сентябр<br>- аз 1 октябр то 30 апрел | <br>12,34<br>70,35 |
| 7. | Барои Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати алюминийи Тоҷик» | 18,06 |
| 8. | Барои Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Азот» | 46,40 |
| 9. | Барои муассисаҳои таълимӣ, гимназияҳои шахсӣ ва литсейҳое, ки ба системаи ягонаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд ва ба маблағгузории буҷетӣ мансуб намебошанд: боғчаҳои бачагона ва дигар муассисаҳои кӯдакона, ки ба сохтори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил нестанд ва аз буҷети сатҳҳои мухталиф маблағгузорӣ намешаванд | 52,79 |
| 10. | Барои аҳолӣ | 30,75 |

Эзоҳ:

1. Тарифҳо, ба истиснои аҳолӣ, Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати алюминийи Тоҷик» ва насосҳои қубурҳои об ва истгоҳҳои насосҳои обёрии мошинӣ, пойгоҳҳои таъмирию истеҳсолии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, чоҳҳои амудии мелиоративӣ ва насосҳои интиқоли оби нӯшокӣ (ба истиснои насосҳои инфиродӣ) ва канализатсия бе дар назар доштани андоз аз арзиши иловашуда муқаррар карда шудаанд.
2. Муассисаҳои соҳаи маориф, тандурустӣ, хонаҳои бачагона, хона - парваришгоҳ, хонаҳои пиронсолон, муассисаҳои соҳаи фарҳангӣ, иттиҳодияҳои динӣ ва дигар муассисаҳое, ки фаъолияти тиҷоратӣ надоранд, вале аз ҳисоби фондҳои башардустона ва ё буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, бо тарифи барои муассисаҳои соҳаи буҷетӣ муқарраргардида ҳисоб карда шаванд.
3. Дар сурати аз 10000 кВт соат зиёд будани ҳисоби нерӯи барқи масрафшудаи моҳонаи аҳолӣ, фарқияти аз меъёри мазкур зиёдатӣ истифодашуда бо тарифи барои гурӯҳи 1 муқарраргардида ҳисоб карда мешавад.
4. Тарифи нерӯи барқ барои эҳтиёҷоти худии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои интиқоли барқ» тибқи тарифи хариди нерӯи барқ аз Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» ҳисобӣ карда шавад.

Замимаи 2

ба қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» ноябри соли 2023, №546

### Тарифҳои неруи барқ барои истеҳсол ва интиқол

| № | Корхонаҳои истеҳсол ва интиқол | Тариф ба 1 кВт. соат бо дирам |
|---|---|---|
| 1. | Тариф барои истеҳсоли неруи барқ, ки аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» интиқол дода мешавад | 13,72 |
| 2. | Тариф барои интиқоли неруи барқ, ки аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои интиқоли барқ» ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» интиқол дода мешавад | 3,29 |

Эзоҳ:
- тарифҳои мазкур бе дар назар доштани андоз аз арзиши иловашуда муайян карда шудаанд;
- андозбандии тарифҳои мазкур тибқи қонунгузории андоз ба роҳ монда шавад;
- Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» фаъолияти худро мутобиқи замимаи 1 қарори мазкур ба роҳ монад.

Замимаи 3

ба қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «29» ноябри соли 2023, №546

### Тарифҳои неруи гармӣ барои истифодабарандагон

| № | Корхонаҳои истеҳсол ва интиқол | Тариф ба 1 Гкал бо сомонӣ |
|---|---|---|
| 1. | Барои муассисаҳо ва мақомоти идоракунӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ маблағгузорӣ мешаванд | 98,67 |
| 2. | Барои Муассисаи «Шабакаи гармидиҳандаи шаҳри Душанбе»-и мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | 17,0 |
| 3. | Барои ҳамаи истифодабарандагони боқимонда | 113,47 |